Недоступен ни однин перевод.

Санаи 02-юми апрели соли чорӣ сомонаи «рисолат.тч» (risolattj.com) адабиёт ва истилохи дигаргунаеро дар маколаи «Нигохе ба равандхо, рӯйкардхо ва фаъолиятхои ХНИТ» дар бораи вижагихои ХНИ дар таърихи муосири Точикистон дастраси хонанда кардааст.

Ин сомона аз чониби СП Чумхурии исломӣ пуштибонӣ ёфта, пойгохи иттилоотии интернетии харифони террористпарвар мебошад. Дар ин кисмати макола кӯшиш мекунем, ки ба ин сомона чавоб дихем. Чавоби дандоншкиан ва изхоркунандаи тамоми хашму газаби миллати точик. То дарк шавад, ки ин мулк бе дарвоза нест.

Сараввал гуфта шавад, ки он хизби исломӣ, ки пас аз «70 соли ташнагӣ» осемасар ба инкилоби мазхабӣ даст зад, 150 хазор хонаводаи точикро гирифтори андӯху кулфат кард, зеро дар асари ин мунокиша онхо наздикони худро аз даст доданд. Далелхои дигар хам мавчуд аст, то мухаррири «рисолат» гумон накунад, ки харфхои ӯ хакикати мутлак ва порае аз Саркунанд, ки хатман бояд боиси пазириш бошанд ва тагйирнопазир. Бубинед, баёни хиёнати секаратаи паймонсозии нахзатӣ миллатро анкариб ба варта бурд. Тахлили таърихи замони Истиклолияти давлатии точикон нишон дод, ки табакаи аз пойгохи мардумӣ орӣ, вале барои савлату мансаб харис, тақдири халкро 3 дафъа ба имтихон гирифт. Номи ин эчодкорони тарсу вахшат ва меросхӯрони хиёнат: Нахзат ва асхоби онхост. Режими вопасгаро ва озодистези факехони дӯкондорони динӣ дар ин лист шомил аст. Барои исботи ин чанд далел меорем:

Аз аввали таъсиси хизб, ки бар пояи тамоюлхои акибравӣ асос ёфтааст, он хамчун боздорандаи харакати чомеа ба пешравӣ дониста мешавад. Бо доман задан ба масъалахои хурду реза, аз кабили истифодаи кулӯх дар чойхои чамъиятӣ, парастиши риш, санг андохтан ба сарулибоси зану мард, мардумро аз дастоварди технологияи пешрафта ва касби дониш махрум кардааст.

Пардаи асрор агар аз хувияти нахзатихо бардорем, ходисахои ачибу гариби маълум мешаванд. Чунончи, маълум мегардад, ки мангитпарастии ин аслбохтагон решахои кавии кавмӣ ва таърихӣ дорад. Инхо хама ачнабипарастанд, мехостанд, ба анъанахои замони амириро эхё кунанд. Чунончи, ошкор шудааст, ки бисёрии нахзатихо аз авлоди курбошӣ

Гаюрбек, тагобачаи амир Олимхони мангитӣ будааст, ки аз солхои 1920 то 1930 дар атрофи шахри Душанбе ба катлу куштори кормандони давлатӣ, муаллимони замони нав ва занхо даст задаанд (манбаъ китоби: В горах Восточной Бухары, муаллиф Нальский). Нишонахои акибмондагӣ дар хар шаклу сурате дар рафтори мухолифони нахзатӣ эхсос мешавад. Ин тарзи тафаккур пеш аз хама дар мафтуншавӣ ба акоиди динӣ ва шиорпартоии подархаво аз кабили «киёмат коим шуд», «шариато завол гардид» ва ё «куффор омад» -ро гирифт» зохир мегардад.
Ин бархӯрд ба харакати садсола, ки солхои 20-уми асри гузашта, минтакаро ба чолиш кашида буд, хеле ачиб ба назар мерасад. Дар ин бозихои шайтанатӣ мукассир боз хамон охунди Касамдарагӣ мебошад, ки номаш дар «рисолат.тч» хамчун фариштаи «Мохи хосса» оварда шудааст.
Нахзатихо хостанд хумори иттифокчиёни таърихиашонро бихаранд. Аз рӯйи ахбори халкахои ба нахзат наздик гароиши аз хад зиёд ба тачаммулпарастӣ ва зохиргарӣ доранд. На ришро кабул дорад ва на бериширо. Ин гуна ашхос хама дар талаби ин дунё хастанд ва охират. Хамин дугонагии тафаккур ва аслбохтагии нахзат, хизбро валангор ва мардумро овора кардааст. Ин гумрохони рохи сиёсат намедонад, ки масири иштирок дар сиёсат созиш аст, тавба аз гуноххои собика ва тозакории тафаккури хароби нахзатӣ.
Сомонаи «рисолат» вакте ки дар бораи ТЭТ ХНИ менависад гӯё Амрикоро кашф кардааст. Ба хар хонанда маълум аст, ки Кабирӣ як нафари дорои тафаккури нимамахалӣ бо олудагии биёбонӣ, алломатарош бо донишхои сатхи пасти музахрафотӣ ва тобеи нафси армонии омехта мебошад. Хамин як чумла, маниши Кабириро хулосагирӣ мекунад. Дар хамин чо метавонем, нукта бимонем. Нуктаи гафси тамат. Мешавад когазро омехтаи харфхои бехудаву пуч насозем. Вале хамокатнигории Кабирӣ мачбур месозад, ки ба умки фардии ин «сиёсатмадор»-и дахрситез бештар зехн бironем. Зеро ки Кабирӣ мероси сулххохии собикаи нахзатро ба ду по ба замин зад ва аз ин хизби парлумонӣ харакати террористии дар чустучуйи Интерпол сохт ва табдил дод. Ба иттиходи назари нахзатихои оддӣ, ки мехостанд ба масири миллӣ баргарданд, Кабирӣ бо хонаводааш чунон зарбаи мухлик зад, ки яке аъзои каноти чангии нахзат «Ансорулло» шуд, дигарӣ насронӣ гашт, сеюмӣ ахли ташайъю ва чорумӣ салафӣ. Панчумӣ дар махбас. Адами мудирият тамоми хайати шурои олии раёсати ин хизбро бинобар даст доштан дар табаддулоти харбӣ ба зиндон бурд. Гардонандаи ин тахалуфот ва таклифоти тафрикавӣ хама ба як вожа ифода меёбад: Кабирӣ. Коршиносони наздик ба нахзат хилаи шаръии нахзатро ин тавр ташрех медиханд, ки чун ин резахорони хони мардуми бегона, пулу пайсаи зиёд аз ташкилотхои хоричӣ ба даст овардаанд, мутаххаму бардаи дари онхо гаштаанд. Нахзатихо, ки дар тӯли 3 дахсола 3 дафъа мазхаб иваз карданд, мархилаи ивазшавии чоруми динии худро мепаймоянд. Ёди хонандаи закӣ хаст, нахзатихоро мардум «вовчик» яъне ваххобӣ мегуфтанд, чун вориди чанги шахрвандӣ шуданд, тамоюл ба имомхои дувоздахимома карданд. Баъдан салафигарӣ дар кӯчаи Бохтар мӯд шуд, дар хавли дахани инхо нишастан намешуд, хама осори Ибн таймияву Албонӣ мехонданд. Баъдан рахбарони ин созмон ба хавзаи Куму Гургон гаравиданд. Дар долонхои нахзат маълумоте чарх мезанад, ки бисёр чолиб ва ачиб аст. Баъд аз вокеахои мохи сентябри соли 2015 дар Точикистон, ба таври сиррӣ ва пардапӯшона ба Кабирии Касамдарагӣ унвони баланди пурифтихори «Хуччатислом» додаанд. Албатта ин дастоварда аст, дар назди кишвари мушаххас ва ба хам маълум. Донандагони асрор накл мекуннад, ки Кабирӣ бо таъсиси Паймон ва баъд аз дунявӣ

худро эълон кардан, ба тарабхонахо рӯ овардааст. Дар ин чо баъд аз айшу ишрати беандозаву меъёр, аз хоб мехезаду бо баланд садо додани тавба як рӯзи дароз мегӯяд манам Мунчии миллат!
Баъдан, мегӯянд, ки гурӯххои пароканда, ки дар камин мебошанд, ӯро ба маъбадхонаи худ чалб мекунанд. Окибат, рохи начоти бухрони шахсиятро дар чахонмехварӣ будан мебинаду худро дар канори афроди овора мезанад. Ин аст мухтавои шахсияти ифротӣ Кабирӣ, ки ханӯз ки ханӯз аст, дар тагйир аст…
Зарур аст, ки сомонаи «рисолат» барои хонданбоб ва маргуб кардани макола ин сатрхоро хам илова мекард. Бокӣ вакт казоват хохад кард, ки хак аст.

Султонов Шодончон, хабарнигор